201
A
Alisher Navoiy nomidagi O'zbekiston MK

Бани одам аъзои якдигаранд!

آواز تاجيك

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

4 марти соли 2020. Чоршанбе
№ 20 (14619)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

## ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ҲАЙАТИ ҶМЧ-РО ПАЗИРУФТ




***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 2 март ҳайати Ҷумҳурии Мардумии Чинро бо сарварии узви Бюрои сиёсии Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Чин, роҳбари Идораи Комиссияи оид ба корҳои хориҷӣ Ян Сзечи, ки бо сафари корӣ ба кишвари мо омада буд, қабул кард.***

Тавре ки роҳбари давлати мо таъкид сохт, алҳол Ўзбекистон ва Чинро муносибатҳои дӯстона ва шарикии бисёрҷанбаи стратегӣ мустаҳкам пайванд менамоянд.

Воҳӯриҳои мунтазами сарони ду мамлакат имкон доданд ҳамкориҳои дуҷониба ба дараҷаи сифатан нав бардошта шуда, бо мазмуну муҳтавои мушаххас саршор гарданд.

Ба шарофати саъю кӯшишҳои муштарак афзоиши муттасили ҳаҷми мубодилаи тарафайни мол мушоҳида мегардад. Дар Ўзбекистон бо иштироки ширкатҳои машҳур ва идораҳои молиявии Чин лоиҳаҳои бузурги сармоявӣ татбиқ мешаванд. Табодули маданиву башардӯстӣ тавсиа меёбанд.

Меҳмони олиқадр барои пазироии гарм миннатдории самимӣ баён карда, номаи шахсии Раиси ҶМЧ Си Сзинпинро, ки ба Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ирсол намудааст, супурд. Дар нома қаноатмандии амиқ нисбати дараҷаи баланди ҳамкориҳои дуҷониба, ки тӯли солҳои охир ба даст омадаанд, зикр мегардад, ҳамчунин барои дастгирӣ дар мубориза бо намуди нави коронавируси паҳншуда миннатдорӣ изҳор карда мешавад.

Дар мулоқот масъалаҳои рӯзмарраи шарикии бисёрҷанбаи ўзбекистониву чиноӣ баррасӣ шуданд.

Ба зарурияти идома додани тайёрии муштарак ва татбиқ намудани лоиҳаҳои афзалиятнок дар соҳаҳои энергетика, нафту газ, кимиё, ҷанбаҳои бофандагӣ, аграрӣ ва соҳаҳои дигари иқтисодиёт, доир ба бозсозии инфрасохтор дар Ўзбекистон эътибори махсус дода шуд.

Бинобар масъалаҳои рӯзмарраи рӯзномаи байналхалқӣ ва минтақавӣ, амиқсозии мулоқоти судманд дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, СҲШ ва сохторҳои дигар, ҳамчунин ҳамкорӣ дар чаҳорчӯбаи пешбурди ташаббуси «Як минтақа, як роҳ» мубодилаи афкор ба миён омад.

**ЎзА.**

**Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.**

## Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

## ДАР БОРАИ ТАЙЁРӢ ВА БАРГУЗОРИ ҶАШНИ УМУМИХАЛҚИИ НАВРӮЗИ СОЛИ 2020

Имрӯз Ўзбекистон ба марҳалаи нави тараққиёти худ ба роҳ аз эҳёи миллӣ ба тараққиёти миллӣ дохил гардид. Дар ин марҳалаи таърихӣ дар баробари дигар арзишҳои маънавӣ ва анъанаҳои нек ҷашни Наврӯз ҳарчи бештар маъно ва аҳамияти амикро молик мегардад.

Чунин сифатҳои олиҷанобу мардум мисли инсонпарварӣ, некӣ ва таҳаммул, кӯшиш ба таҷдиди ҳаёт, таносуби инсон ва табиат, ки аз рӯҳ ва фалсафаи Наврӯз сириштаанд, комилан бо мақсадҳои ислоҳоти доманфарохе, ки дар мамлакат ҷорист, ҳамоҳанг мебошанд.

Бо назардошти аҳамияти муҳими Наврӯз, ки Созмони Милали Муттаҳид ба сифати ҷашни байналхалқӣ муқаррар намудааст ва ҳамчунин бо мақсади баргузор намудани он бинобар намуди нави муттасил рушдкунандаи Ўзбекистон:

1. Ҳайати Кумитаи ташкилӣ доир ба омодагӣ ва баргузор намудани ҷашни умумихалқии Наврӯзи соли 2020 бинобар илова тасдиқ карда шавад.

Кумитаи ташкилӣ дар муддати як ҳафта консепсияи ҷашни оянда ва барномаи марбути ташкиливу амалӣ, чорабиниҳои маданиву маърифатӣ ва тарғиботиву фаҳмондадиҳиро барои баргузор намудани он дар шаҳри Тошканд, Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва марказҳои вилоятҳо, дар тамоми шаҳр ва ноҳияҳо, деҳот ва авул дар дараҷаи баланд чун сайри умумихалқӣ зери шиори **«Наврӯз – ҷашни эҳё муборак, Ўзбекистони азиз!»** таҳия намуда, ба татбиқаш шурӯъ намояд.

2. Зимни таҳияи консепсия ва барнома бо мақсади таъмини иштироки фаъол дар тантанаҳо барои қишри васеи аҳолӣ ба инҳо эътибори алоҳида нигаронда шавад:

ташкили чорабиниҳои маънавиву маърифатӣ, ки ба дарки амиқи иртиботи ногусастании инсон бо табиат, сарзамини азиз арзишҳои азалии ҳаёти осуда ва фараҳнок мусоидат намоянд;

усулҳои мутаассирро дар ҳамоҳангӣ бо арзишҳо ва анъанаҳои Наврӯз, ки дар солҳои охир дар мамлакат дар доираи ислоҳоти демократӣ, бозсозиҳои мусбии ҳаёти одамонамон ба вуқӯъ мепайванданд, инъикос намоянд;

зимни чорабиниҳои ҷашнӣ дар тамоми шаҳру деҳот дар воситаҳои ахбори оммавӣ равшан намудани таърихи Наврӯз, моҳият ва аҳамияти расм ва суннатҳои сокинони ҳар як минтақа;

баргузор намудани чорабиниҳои хайрияе, ки ба мадади ҳамаҷониба ва эътибор ба собиқадорони муҳтарам, оилаҳои камбизоат, ба тамоми онҳое, ки эҳтиёҷ ба кӯмак ва дастгирӣ доранд, нигаронда шудааст;

бохабар намудани ҷамъият аз натиҷаҳои амалии кори низомноки татбиқшаванда дар заминаи дар мамлакат мустаҳкам намудани муҳити шаҳрвандӣ ва мусолиҳаи байнимиллӣ ва ҳамчунин иртиботи ҷашни Наврӯз бо таомул, анъана ва арзишҳои маънавии халқ ва миллатҳое, ки намояндагони онҳо дар Ўзбекистон иқомат доранд;

баргузор намудани ҳашари умумихалқӣ, корҳои доманфарох доир ба ободонӣ ва кабудизоркунӣ дар шаҳру деҳот ва маҳаллаҳо дар арафаи Наврӯз, ки рамзи таҷдид ва фараҳмандӣ ба шумор мераванд;

дар маҳалҳо ташкил намудани чорабиниҳои намоиши ҳунармандӣ, растаҳои китоб, мағозаҳои сайёр ва ҳамчунин пухтупаз ва фурӯши таомҳои анъанавии баҳорӣ.

3. Ба Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд:

а) дар муддати як ҳафта барномаи чорабиниҳо доир ба баргузор намудани сайрҳои халқӣ бахшида ба Наврӯз таҳия ва тасдиқ гардад, ки дар онҳо инҳо пешбинӣ гарданд:

аниқ намудани майдонҳои дақиқ, боғ ва хиёбонҳо, ки дар онҳо сайрҳои халқӣ, ороиши ҷашнии онҳо ба амал меоянд;

ба сайрҳои халқӣ васеъ ҷалб намудани гурӯҳҳои фолклорӣ, ҷамоаҳои бадеии худфаъол, намояндагони санъати сирк, ансамблҳои оилавӣ, бахшӣ, шоирон ва ҳамчунин иҷрогарони касбиву ҳунарпешагони боистеъдоди эстрада;

дар доираи чорабиниҳои ҷашнӣ баргузор намудани бозиҳои халқӣ, тамошо, намоишгоҳ ва мусобиқот, ташкили растаҳои кушод барои пухтупаз ва фурӯши таомҳои баҳорӣ, ки барои ҳар як минтақа хос мебошанд;

б) таъмини васеъ ҷалб намудани гурӯҳҳои эҷодӣ аз ҷумлаи сенариянависон ва коргардонҳо, оҳангсозон ва бастакорон, балетмейстер ва рассомону ороишгарон, иҷрогарони боистеъдоди ҷавон ва намояндагони санъати фолклор ба омодагии барномаҳои ҷашнӣ ва тамошоҳои оммавӣ;

в) якҷоя бо Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон оид ба инкишофи сайёҳӣ баргузор намудани корҳои доманфарохи иттилоотӣ ва омодагирӣ бо мақсади ташкили боздиди сайёҳони хориҷӣ ва маҳаллӣ аз чорабиниҳое, ки дар доираи сайрҳои мардумӣ бахшида ба Наврӯз баргузор мегарданд.

4. Муқаррар карда шавад, ки харҷи баргузор намудани чорабиниҳои ҷашнӣ аз ҷониби инҳо пардохт мешаванд:

дар шаҳри Тошканд – аз ҳисоби маблағи буҷаи ҷумҳурӣ ва буҷаи маҳаллии шаҳри Тошканд ба ҳисоби баробар;

дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо – аз ҳисоби маблағи буҷаи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва буҷаи маҳаллии вилоятҳо.

5. Ба Агентии миллии иттилоотии Ўзбекистон, Ширкати миллии телерадиои Ўзбекистон, Агентии хабарии «Дунё» ва дигар воситаҳои ахбори оммавӣ васеъ равшан намудани ҷараёни тайёрӣ ва баргузор намудани ҷашни мардумии Наврӯз тавсия карда шавад.

6. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон Арипов А.Н. ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Абдувахитов А.А. гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш.МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*3 марти соли 2020.*

## КАМБУДИҲОИ НИЗОМИ ТАЪЛИМИ ХАЛҚ ТАҲЛИЛ ШУДАНД, ВАЗИФАҲОИ БАРТАРИНОК МУАЙЯН ГАРДИДАНД

***2 март Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бахшида ба муҳокимаи вазифаҳои афзалиятноки низоми таълими халқ машварат баргузор кард.***

Роҳбари давлат аз рӯзи оғози фаъолияти худ дар мансаби Президент мушкилоти вобаста ба кадрҳо ва амалан дар тамоми соҳаҳо вуҷуд доштани талабот ба мутахассисони замонавиро, ки ба суръати кунунии ислоҳот ҷавобгӯ бошанд, борҳо таъкид кардааст.

Бо ин мақсад тамоми низоми таълим куллан такмил дода мешавад. Таълими томактабӣ инкишоф меёбад. Бо назардошти таҷрибаи байналхалқӣ ва талаботи кунунӣ сифати таълими миёнаи умумӣ баланд бардошта мешавад.

Тӯли се соли охир дар мамлакат беш аз 160 мактаби таълими ҳамагонӣ бунёд гардиданд. Муассисаҳои замонавӣ, таълими инноватсионӣ, аз қабили мактабҳои президентӣ, мактабҳои махсус, ки ба шарафи олимони бузург гузошта шудаанд, мактабҳои эҷодӣ, мактабҳои «Темурбеклар мактаби» таъсис ёфтанд. Баробари ин тӯли се соли охир музди меҳнати омӯзгорон ба ҳисоби миёна 2,5 баробар зиёд карда шуд. Барои омӯзгороне, ки дар ноҳияҳои дурдаст кор мекунанд, иловапулиҳо ҷорӣ гардид.

26 ноябри соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ба қарор «Дар бораи чораҳои таъсис додани «Мактабҳои замонавӣ» имзо гузошт. Дар ҳуҷҷат самтҳои асосии то соли 2021 ба «Мактабҳои замонавӣ» табдил додани на камтар аз 3 фоизи муассисаҳои таълими умумӣ, то соли 2025-ум 20 фоиз, то соли 2030-юм 50 фоизи онҳо дар назар дошта шудааст.

Ҳамаи ин давраи нахустини ислоҳсозии соҳа дар пешомади миёна ва дарозмуҳлат гардид.

Президент дар Муроҷиатномааш ба Олий Маҷлис моҳи январи соли равон зарурияти такмил додани барномаҳои таълими мактабиро дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, таҷдиди назар кардани дарсҳои таълимӣ ва фанҳои омӯхташаванда, ба меъёрҳои байналхалқӣ мувофиқ сохтани онҳо, баланд бардоштани сифати китобҳои дарсӣ ва адабиёти таълимиро таъкид намуд. Роҳбари давлат вазифаи беҳтар кардани таъминоти моддиву техникии мактабҳо, истифода бурдани технологияҳои замонавии таълимиро дар ҷараёни таълиму тарбия ба миён гузошт.

Дар машварат масъалаҳои сохтмони мактабҳои намунаи нав ва давра ба давра бозсозӣ кардани мактабҳои мавҷуда, баланд бардоштани ихтисоси омӯзгорон баррасӣ шуданд.

Алҳол аз 9942 мактаби мавҷуда 2835-тоашон ба таъмир эҳтиёҷ доранд, дар 5861 мактаб бинобар зиёд будани миқдори хонандагон таълим дар ду баст ба роҳ монда шудааст. Соли равон бунёд кардани 36 мактаби нав ва аз таъмири асосӣ баровардани 211 маърифатгоҳ пешбинӣ гардидааст.

Ба Вазорати сохтмон супурда шуд, ки бинои мактабҳоро дар асоси комёбиҳои замонавии меъморӣ бо истифода аз технологияҳои пешқадами сарфакунандаи энергия бунёд кунад.

Машғулоти амалӣ дар лабораторияҳо бобати гирифтани таълими босифат нақши муҳим мебозанд. Вале алҳол дар 683 кабинети физика, 897 кабинети кимиё ва 901 кабинети биология лабораторияҳои таълимӣ вуҷуд надоранд. Таҷҳизоти 7807 кабинети физика, 7776 кабинети кимиё ва 7770 кабинети биология кӯҳна шудаанд. 62 ҳазор синф бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин нест, 7 ҳазор компутер намерасанд. Вобаста ба ин бо таҷҳизоти нав таъмин кардани лабораторияҳои мактабӣ ва афзун кардани миқдори машғулот дар онҳо тақозо мегардад.

Ба вазоратҳои таълими халқ ва молия супурда шуд, ки таҷҳизоти мактабҳоро аз нуқтаи назари танқидӣ омӯхта бароянд ва онҳоро бо лабораторияҳои замонавӣ, техникаи компутерӣ, инвентарҳои варзишӣ ва дигар воситаҳои зарурӣ таъмин намоянд. Зарурияти инкишоф додани навгониҳои ҳаётӣ ҳангоми омӯзондани фанҳои дақиқ ва пурзӯр кардани эътибор ба машғулиятҳои интерактивӣ таъкид шуд.

Дар мактабҳо барои машғулоти амалӣ оид ба фанҳои математика, кимиё, физика ва биология танҳо 10 фоизи вақти таълим ҷудо карда шудааст. Дар кишварҳои пешқадам ин нишондиҳанда 30-50 фоизро ташкил медиҳад. Вобаста ба ин дар назди вазоратҳои таълими халқ, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсияҳо вазифаи васеъ истифода бурдан аз технологияи рақамӣ, зиёд кардани саҳми машғулиятҳои амалӣ дар барномаҳои таълимии оид ба фанҳои дақиқ гузошта шуд.

Дар машварат ба масъалаҳои баланд бардоштани дониш ва ихтисоси кадрҳои педагогӣ эътибори махсус дода шуд.

Таъкид гардид, ки дар ҷараёни аттестатсияи соли гузашта, ки дар он тақрибан 57 ҳазор омӯзгорону мураббиён иштирок доштанд, 43 фоизи онҳо баҳои паст гирифтанд, нишондиҳандаи миёна оид ба ҷумҳурӣ бошад, мувофиқи низоми 100 холӣ 64 холро ташкил дод.

Бобати такмил додани низоми баланд бардоштани ихтисоси омӯзгорон, нав сохтани таъминоти услубӣ супоришҳо дода шуданд.

Зарурати бо адабиёти бадеӣ таъмин кардани мактабҳо, мазмуну муҳтавои нав додан ба дарсҳои мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва тарбияи ҷисмонӣ дар синфҳои ибтидоӣ ба мақсади тарбия намудани фарзандони солиму аз ҷиҳати маънавӣ комил таъкид шуд.

Шахсони масъул доир ба масъалаҳои дар машварат баррасишуда маълумот пешниҳод карданд.

**ЎзА.**

***Дар рафти сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Аморати Муттаҳидаи Араб 24-26 марти соли 2019 бо ҳукумати ин кишвар оид ба ҳамкориҳои ҳамаҷониба дар самти баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар фаъолияти мақомоти давлатӣ созишнома ба даст омад.***

## ТРЕНИНГ ОИД БА ТАКМИЛИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

Аз ҷумла, оид ба таҳкими ҳамкориҳои байни донишкадаҳои давлатии ду кишвар, омӯзиши таҷрибаи Аморати Муттаҳидаи Араб дар такмил додани системаи идоракунии давлатӣ ва татбиқи он дар кишвари мо бо назардошти манфиатҳои миллӣ тадбирҳои дахлдор муайян шуданд.

Дар доираи татбиқи ин созишнома дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Ўзбекистон 24 феврал аъзои ҳайати Вазорати оид ба корҳои Девони Вазирон ва ояндаи Аморати Муттаҳидаи Араб бо роҳбарии намояндаи он Азиз Хмуд Ал-Амери барои кормандони вазорат ва идораҳои давлати мо тренинг гузарониданд. Дар тренинг таҳти мавзӯи «Идоракунии умумии сифат: такмил додани фаъолияти ҳукумат» иштирокчиён оид ба такмили минбаъдаи фаъолияти ҳукумат ва вазорату идораҳои зертобеи он бо истифодаи таҷрибаи Аморати Муттаҳидаи Араб дар самти баланд бардоштани самаранокӣ ва иқтидори фаъолияти ҳукумат мубодилаи афкор намуданд.

Дар рӯзи аввали ин чорабинӣ таҷрибаи АМА оид ба ташаккули низоми давлатӣ, идоракунӣ, санҷиши муваффақият дар расидан ба ҳадафи стратегӣ, мониторинги фаъолият бо истифода аз воситаҳои муассири идоракунӣ ва воситаҳои баҳодиҳии фаъолият омӯхта шуд.

Иштирокчиёни тренинг қайд карданд, ки Аморати Муттаҳидаи Араб дар соҳаи такмили идоракунии давлатӣ мавқеи пешқадам дорад ва Ўзбекистон низ дар ин самт ислоҳоти васеъмиқёсро татбиқ менамояд.

**ЎзА.**



*Соли гузашта дар вилояти Фарғона дар соҳаи азнавкоркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ 18 лоиҳа амалӣ гардида, содироти меваву сабзавот ҳам табъи дил шуд. Гелосҳои хушсифате, ки дар боғҳои Фарғона парвариш карда мешаванд, дар бозори ҷаҳон харидоргиранд. Интизорӣ меравад, эҳтиёҷ ба меваҳои мо, ки дорои таъм ва намуди ба худ хос мебошанд, имсол ҳам баланд мегардад.*

*Корхонаи унитарии «Реал транс логистика», ки дар мавзеи Қиргулии шаҳри Фарғона ба кор шурӯъ кардааст, дар ин бобат дарҳои нави имкониятро боз намуд. Корхона, ки асосан меваву сабзавот ва маҳсулоти дигари хоҷагии қишлоқро аз нав кор карда, хушконда, ба бастаҳо ҷойгир менамояд, дар давоми сол нерӯи истеҳсол кардани 300 ҳазор тонна маҳсулоти сараро дорад.*

***Дар сурат:** дар корхонаи унитарии «Реал транс логистика»-и мавзеи Қиргулии шаҳри Фарғона.*

***Суратгир: М.ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# БА ЧИН БОЗ ЯК КӮМАКИ ИНСОНПАРВАРӢ ФИРИСТОДА ШУД

***Бинобар иродаи қатъии сарони Ӯзбекистон ва Чин муносибати байни ду мамлакат ба дараҷаи шарикии стратегӣ бурда шудааст. Ӯзбекистон кӯшишҳои Чинро дар мубориза бар зидди коронавирус ва бартарафсозии он дастгирӣ намуда, дар ин роҳ кӯмаки амалӣ мерасонад.***



11 феврали соли ҷорӣ Президент Шавкат Мирзиёев дар бораи фиристодани мадади инсонпарварӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин супоришро ба имзо расонд. 12 феврал кӯмаки инсонпарварӣ ба музофоти Хубэй фиристода шуд. Дар таркиби бори инсонпарварӣ муҳимтарин василаҳои тиббӣ – дастпӯшакҳои тозаи якмаротибагӣ, либоси муҳофизат, ниқобҳои поксозӣ вуҷуд доштанд.

Аз ҷониби Вазорати вазъиятҳои фавқулодда бо вазорат ва идораҳои дахлдор навбати дуюми кӯмаки инсонпарварӣ ташкил карда шуд. 3 март аз Аэропорти байналхалқии Тошканд ба номи И.Каримов дастаи дуюми кӯмаки моддӣ ба халқи дӯсти Чин фиристода шуд.

Кӯмаки инсонпарварие, ки аз Ӯзбекистон ба Чин фиристода шуд, дараҷаи баланди имрӯзаи муносибати ду ҷонибро инъикос менамояд. Ин дафъа либоси махсуси тиббӣ, ниқоб ва докаи тиббӣ, ки корхонаҳои ассотсиатсияи «Ӯзтекстилпром» истеҳсол намудааст, фиристода шуд, – мегӯяд ходими Хидмати матбуоти Вазорати вазъиятҳои фавқулодда Самандар Ҳикматуллоев.

**Хуршед ҚОДИРОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**
**Суратгир: М. АМИН (ЎзА).**

***Дар вилояти Намангон бо ҷумҳуриҳои ҳамсоя дар ҳама соҳаҳо, аз ҷумла маданият ва санъат ҳамкории доимӣ ба роҳ монда шудааст.***

# Ҳамкории санъаткорон

Моҳи декабри соли гузашта санъаткорони Театри драмаю мусиқии вилояти Намангон бо сафари ҳунарӣ ба вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон рафта буданд.

Ба қарибӣ санъаткорони Театри драмавию мусиқии ӯзбек ба номи Шукур Бурҳонови вилояти Суғд ба вилояти Намангон бо сафари ҳунарӣ омаданд.

Аз тарафи ҳунарпешаҳои театри вилояти Суғд намоиши спектакли драматург Ўринбой Усмонов «Азроил ҳаммоли» ба ҳукми тамошобинон ҳавола гардид. Дар асар муаммоҳои имрӯзаи ҷавонон, аз ҷумла оқибатҳои вабои аср – гиёҳвандӣ ва пешгирии он ба қалам гирифта шудааст.

– Ташрифи санъаткорони вилояти Суғд ба вилоятамон барои пойдор гардидани дӯстии азалию абадии халқҳоямон хидмат мекунад. Мо минбаъд ҳам бо санъаткорони вилояти Суғд чунин ҳамкориро давом медиҳем, – гуфт мудири шуъбаи адабӣ-бадеии театри драмавию мусиқии вилояти Намангон Инъомҷон Носиралиев.

**А. МУРОДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# ИНТИХОБОТ ДАР ТОҶИКИСТОН

## дар Тошканд низ овоз доданд

**Якшанбеи гузашта ба палатаи поёнӣ – Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон интихобот баргузор гардид, ки дар он ҳафт ҳизби сиёсӣ ва худпешбарикардагон барои 63 мандати депутатӣ мубориза бурданд.**

Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Тоҷикистон дар мамлакатҳои хориҷӣ, инчунин дар шаҳри Тошканд дар сафоратхона участкаи интихоботии ҳавзаи №3-ро марбут ба ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе таъсис додааст.

– Алҳол дар Ӯзбекистон 2896 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон зиндагӣ ва кор мекунанд, ки онҳо дар вилоятҳои гуногунанд, – мегӯяд сафири Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Содиқ Имомӣ. – Барои онҳо омада, овоз додан дар ҳаёти сиёсии ҷумҳурии худ бефарқ набудани ин шаҳрвандонро ифода менамояд.

Ҷараёни интихобот дар сафоратхона низ муташаккилона тамоми рӯз идома дошт ва ходимону мутасаддиёни он андармони ин маъракаи сиёсӣ буданд.

– Ҳашт моҳ аст, ки бо тақозои вазифа дар Тошканд ҳастам, – мегӯяд мушовири корхонаи муштараки «Каспиан – Тош» Муқимҷон Аббосов. – Омадам, ки қарзи шаҳрвандии худро адо кунам. Ҳатто дар берун аз кишвар ба ҳаёти сиёсии ватан бефарқ буда наметавонам. Манро шароит ва тартиби коре, ки дар сафорат бинобар интихобот ба вуҷуд оварда шудааст, хушҳол кард, ки дар ин ҷо ҳама маълумотро роҷеъ ба интихобот пайдо кардан мумкин буд.

Тавре ки Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Тоҷикистон эълон намудааст, аз рӯи рӯйхати ҳизбҳои сиёсӣ ба тарафдории Ҳизби аграрӣ 16,50 фоиз, ба тарафдории Ҳизби демократӣ 5,10 фоиз, ба ҷонибдории Ҳизби ислоҳоти иқтисодӣ 16,61 фоиз, ба тарафдории Ҳизби коммунистии Тоҷикистон 3,11 фоиз, барои Ҳизби сотсиалистӣ 5,15 фоиз, ба ҷонибдории Ҳизби сотсиал-демократӣ 0,32 фоиз ва ниҳоят ба тарафдории Ҳизби халқии демократии ҷумҳурӣ 50,40 фоиз овоз додаанд.

Тавре ки раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ Бахтиёр Худоёрзода иброз доштааст, дар ин маъракаи сиёсӣ қариб 4 миллиону 246 ҳазор нафар интихобкунанда иштирок намудааст, ки ин 86,4 фоизи шумораи умумии интихобкунандагонро ташкил медиҳад.

Ғайр аз ин 41 нафар вакилон аз ҳавзаҳои якмандатӣ низ интихоб гардидаанд.

Тибқи муқарраротӣ қонунгузории ҷумҳурӣ намояндагони 6 ҳизби сиёсӣ вакилони Маҷлиси намояндагон интихоб гардидаанд.

**Т. ИКРОМОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

Таҳлил, танқид, таклиф

# ТАФРИҚА ДАР ТАЪМИНОТ

Оиди демократия ва озодии сухан дар матбуот бисёр ҳарф мезадем. Дар бораи тартиб, тамоюл, тарзи фаъолияти мактабҳои журналистӣ, вазифаҳои муҳиме, ки дар назди журналистон истодаанд, мавзӯъҳои долузарбе, ки бояд мавриди таҳлилу тадқиқ қарор гиранд, китоб ва дастуруламалҳо мунтазам ба чоп мерасиданд.

Вале демократия, озодандешӣ ва ошкорбаёнӣ дар расонаҳои ахбор, хусусан матбуоти даврӣ ҳис карда намешуд. Хабарҳои расмӣ якранг ва якнавохт. Дар чопи материалҳои ситоишӣ рӯзномаҳо гӯё мусобиқа доштанд. Дардҳои иҷтимоӣ, проблемаҳое, ки ба мураккабии сохти ҷамъиятӣ ё давлатдорӣ вобастаанд, бардошта намешуд. Танқид ё маводҳои мулоҳизавӣ ба ном вуҷуд доштанд. Аз уштурдузд ҳама, аз ҷумла рӯзноманигор низ метарсид ва агар ҷуръат кунад, вай кирдукори сӯзандуздро фош менамуд. Аҳмадбойҳо бо кушодани чӣ қадар нуқтаҳои тиҷоратии ғайриқонунӣ, фиреб додани давлат ва халқ номаъқулии дилашон хостаро кунанд, кормандони идораҳои ҳифзи ҳуқуқ ё андоз кампирҳои дар бозор мантую пирожкафурӯшро таъқиб месохтанд. Ва агар танқид шаванд, ин гуна беҳимоятҳо танқид мешуданд дар матбуот. Мансабдор ё серпули дар «боло» пушту паноҳдор чун қонуншикан ба газета барояд, муаллифи мақола ва сармуҳаррир аз кор «мепарид».

Об дар «ҷӯи бетонӣ», ба ин ё он сӯ нигоҳ накарда, ҷорӣ мешуд. Рӯзноманигор вазифадор – ҳар чӣ фармоянд, ҳамонро нависад. Бо эҳтиёт. «Эҳтиёт – ними ҳаёт» не, эҳтиёт ҳаёт гардид барои журналист. Ба ин гуна муҳит хӯ гирифт. Рӯзноманигоре, ки хӯ гирифта натавонист, ё аз баҳри кор баромад, ё коғаз сиёҳ накарда монд.

Чанд сол муқаддам узви Сенат Светлана Ортиқова баъди яке аз анҷуманҳои матбуотӣ дар Маркази матбуоти миллӣ бо як гурӯҳ журналистон ҳамсуҳбат шуд. Ӯ сухан меронд, дигарон гӯш мекарданд. Савол диҳед, гуфт вай. Ҳама хомӯш. Наход саволе нест, лабханд кард ва якбора панҷ-шаш саволро марбут ба мавзӯъ ва масъалаҳои доғи рӯз ба миён гузошт. Афзуд: «Ин гуна саволҳоро, масалан, пурсидан мумкин нест? Чаро мумкин нест? Журналистҳо, тарсончак нашавед!»

Воқеан як ҳисси ба тарс монанд журналистро водор месохт ба савол додан шитоб накунад. Саволаш ноҷо баромада монад, аҳвол чӣ мешавад?

Албатта, дар ҷараён ё баъди нишастҳои матбуотӣ саволу ҷавобҳо ба амал меомаданд. Вале на ҳама саволу ҷавобҳо марбут ба масъалаҳои ҳаётие, ки ҳалли онҳо бисёр муҳим.

Имрӯз вазъ чӣ хел? Ҳоло матбуот, чун дигар соҳаҳо, давраи таҳаввулотро аз сар мегузаронад. Навигариҳое, ки касро қонеъ мекунанд, зиёд. Аммо баъзе сохтакориҳо ҳанӯз давом доранд. Баъзе ташкилотҳо, ки анҷумани матбуотӣ ташкил карданианд, саволномаҳо тартиб дода, пешакӣ тақсим менамоянд. Журналисте, ки саволи тайёрро аз номи худ ба миён гузошт, таҳсин мешунавад. «Бисёр саволи хуб», мегӯяд мутасаддии ташкилот, ки дар омодасозии он савол худаш саҳм гирифтааст. Шояд ба ин гуна вазъ журналист низ, ки номуташаккил ва камсаъй аст, айбдор. Наход дар вазъи баромада омадан аз мавзӯе, ки мавриди муҳокима аст, фикри каси дигарро не, фикр ва саволи дар майнааш рӯзадаро пурсида натавонад?

Пресс-релиз, ки ҳаст, журналист – дилпур. Қабл аз чорабинӣ ба фаъолияти идора, иттиҳодия, ҷамъиятҳое, ки анҷуман ташкил карданианд, аз наздик шинос шудан, ба нишаст омодагӣ дида, баъди бодиққат шунидани баромадҳо саволҳо додаву ба маълумотҳои бештар молик гардида, баъд мақола навиштанро на ҳама журналистон сармашқи кори худ қарор додаанд.

Иштирок низ суст. Барои он ки толор пур шавад, ташкилкунандагон ҳамкорони зиёди худро ба маҷлисгоҳ меоранд. Гӯё нишасти матбуотӣ не, ҷамъомади оддии ҳисоботист дар Маркази матбуоти миллӣ.

Барои он ки дар ин гуна анҷуманҳо журналистон фаъолона ширкат варзанд, ҷамъомад бояд судбахш бошад. Ба ном ташкил кардани чорабинӣ, мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор дода нашуданӣ масъалаҳои ҳаллашон таъхирнопазир рӯзноманигорро ба худ намекашад.

Ҳаёт бо шиддат пеш меравад. Чӣ сиёсати дохилӣ ва чӣ берунии Президент ва Ҳукумати Ӯзбекистон – ҳамоҳанг бо ормонҳои халқ. Халқ ба идораҳои давлатӣ не, идораҳои давлатӣ ба маънои ҳақиқӣ аз паи хидмати мардуманд. Ободонӣ вусъат ёфта ва дар кишвари озод мардум осуда ҳаёт ба сар мебарад. Вале демократия ва озодии сухан дар матбуот чӣ тарз?

Яке аз бузургтарин дастовард ва навигариҳое, ки ба муроди дили халқ, ба муроди дили рӯзноманигор аст, ба амал омадани рӯшодгӯист. Манзараҳои ҳаёт, тавре ҳастанд, намоиш меёбанд. Чанд сол пеш нафаре барномаи ахбори телевизиони мамлакатро бо киноя «хушхабарҳо аз ҷаннат» номида буд. Воқеан фақат чизҳои хуб, муваффақиятҳо пешкаши умум гардонда мешуданд. Сӯхтору куштор, вулқону обхезиҳои кишварҳои дур дар навор пайдо мешуданду халос. Алъон чӣ шабакаҳои давлатӣ ва чӣ хусусии оинаи нилгун дар ҳақиқатнигорӣ, хабардорсозӣ аз рӯйдодҳои ҷолиб фаъолнокӣ зоҳир менамоянд. Халқ низ «бедор» шудааст, мисли пештара аз микрофон нагурехта, бобати масъалаҳои рӯз, лоиҳаҳое, ки мавриди муҳокимаанд, ҷасурона фикри шахсиашро баён мекунад.

Пештар баъзе ҷамъомадҳои Палатаи қонунгузорӣ ва Сенат тезутунд сурат гиранд ҳам, чӣ телевизиону радио, чӣ матбуоти даврӣ аз ин хусус маълум намекарданд. Фошгӯию ошкорбаёнии телевизион, фикр мекунем, имрӯз ба дараҷаи талабот. Бо даҳолати оинаи нилгун бисёр масъалаҳо ҳаллу фасл ёфта ва идораҳои масъул ба ҳаракат медароянд. Аммо мақолаҳои танқидӣ-таҳлилие, ки эътибори умумро ба худ мекашанд, дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ҳанӯз кам.

Баъзе журналистони номдор, ки дар бораи сатҳи зиндагӣ, шароити рӯзгор аз тариқи телевизион ё нашрияҳо баромад мекарданд, имрӯз низ фаъол, аммо ҳамон яктарафа фикр ронда, фақат ба таърифу тавсиф саргарманду халос. Корҳои ба таърифу тавсиф арзанда, тавре зикр намудем, хеле зиёд. Нагуфтан ё нодида гирифтан мумкин нест. Аммо магар норасоиҳо нестанд? Масалан, ҳамкасбони ҷавони онҳоро шароити рӯзгор чӣ хел? Маош чӣ қадар? Хона доранд ё не? Хонадор шудаанд ё не? Маоши духтурон ва муаллимон чанд бор ва чанд баробар бардошта шуд. Таъминоти моддию маишии журналист низ аз мадди назар дур намонд. Вале, мутаассифона, дар миқдори маош ва ҳақи қалами рӯзноманигорон, ки дар нашрҳои гуногун фаъолият мебаранд, тафриқаҳо эҳсосшаванда ба назар мерасанд. Духтурон ва муаллимон аз рӯи тариф ва ставкаҳои ягонае, ки муайян шудаанд, дар муассисаҳои муолиҷавию таълимӣ музд мегиранд. Шифохона ё мактаб дар шаҳр воқест ё дар деҳоти дурдаст, фарқ надорад. Музддиҳӣ аз рӯи тоифа, сари вақт рағбатноксозии ходимони пешқадам, фидоӣ ва ташаббускор бо иловапулиҳо – айни муддао. Вале журналист ин гуна имтиёз ё имконият дорад?

Ходимони хидмати ахбори ташкилоту муассисаҳо бо маоши хуб таъмин. Кор дар нашрҳое, ки бонуфузанд, ё бо адади зиёд чоп мешаванд – бахти журналист. Аммо таъминоти моддӣ ё рағбатноксозии ходимон дар қисме аз нашрҳои даврӣ ба дараҷаи хеле паст. Ҳол он ки онҳо аз ҳамкасбоне, ки ҳарҷиҳата таъминанд, кам меҳнат намекунанд. Хуб мешуд, тафриқаҳо барҳам хӯрда ва адолат, ки дар бисёр соҳаҳо барқарор аст, дар таъминоти моддии журналистоне ҳам, ки дар идораҳои гуногун фаъолият мебаранд, ба назар расад.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



*Дар ҶММ «Оқсарой текстил»-и ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарё корҳои доимии навсозӣ амалӣ гардида, дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои нав сифати маҳсулот беҳ шуда, миқдор ва навъи он торафт меафзояд. Барои сехи дӯзандагии корхона аз ширкати «Майер»-и Олмон ба ивази 1 млн. 750 ҳазор евро ускунаҳои нав оварда васл намуданд. Дар натиҷа фаъолияти сех васеъ гардида, боз 50 нафар бо кор таъмин шуд.*

*Алҳол корхонаи мазкур аз ноҳияҳои Қамашӣ, Яккабоғ ва Шаҳрисабз 22 ҳазор гектар замин гирифта, дар он ҷойҳо истеҳсоли ашёи хомро ба роҳ мондааст. Корхона барои босамар истифода бурдан аз замин ба қарибӣ зиёда аз 20 тракторӣ замингардон ва хокнармкунанда харид.*

***Дар сурат:** дар ҶММ «Оқсарой текстил»-и ноҳияи Шаҳрисабз.*

***Суратгир: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ЎзА).***

Мо ва ҷаҳон

# ҚОЛИНҲОИ САМАРҚАНД ДАР ДУКОНҲОИ АМРИКО

Робитаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Ӯзбекистону ИМА сол то сол ривоҷ меёбанд. Дар ин кишвар аз Ӯзбекистон низ ҳазорон нафар муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҷабҳаҳои гуногун меҳнат мекунанд, садҳо нафар ҷавонону духтарони мо дар коллеҷу донишгоҳҳои ин мамлакат мехонанд. Барҳе аз онҳо баъди хатми таҳсил дар муассисаҳои гуногуни давлатӣ, марказҳои ҳифзи сиҳҳат кор карда истодаанд. Соҳибкорону корчаллонҳои мо баробари нуқтаҳои гуногуни савдо ва тиҷоратӣ бунёд намудан, дар сохтмону таъмири биноҳо, дар соҳаҳои хидматрасонӣ, нақлиёт ва алоқа низ саҳмгузорӣ менамоянд.

Шуҳрати маҳсулоти корхонаи қолинбофии "Самарқанд ампер гилам", ки бо ҳамкории сармоядорони Туркия дар Самарқанд фаъолият дорад, кайҳост, ки берун аз Ӯзбекистон ҳам паҳн шудааст. Хушсифат ва харидоргир будани қолинҳои корхонаи мазкурро ба эътибор гирифта, бо мақсади ба бозори Амрико баровардани маҳсулоти он тадбиркорони самарқандӣ Далер Ҳамидов, Носир Раҷабов ва Саид Ҳакимов нахуст дар шаҳри Филаделфия дукони савдои қолинҳои Самарқандро кушоданд. Сипас мувофиқи талабу эҳтиёҷи ҳамдиёрони собиқи мо, ки бештар дар шаҳри Квинси штати Нью-Йорк маскан гирифтаанд, дар яке аз мавзеъҳои ободу серодами ин шаҳр мағозаи дигари қолинфурӯширо кушоданд. Дар маросими тантанавии кушодашавии ин нуқтаи савдо, ки таҳти садои карнаю сурнай ва таблу нақораҳо оғоз ёфт, намояндагони сафоратхонаи Ӯзбекистон дар ИМА, ҳамдиёрони собиқи мо иштирок намуданд.

Дар ин нуқтаи савдо беш аз ҳазор адад қолини хурду калон ва нафису ранга, ки бештарини онҳо бо тасвири биноҳои таърихӣ, мадрасаҳои маҷмӯи Регистон ва ғайра оро ёфтаанд, ба фурӯш гузошта шудаанд.

– Дар Амрико дуконҳои хурду калони қолинфурӯшӣ бисёранд, лекин қолинҳои Самарқанд нафосати дигар доранд. Дар онҳо ҳусну нафосати Ватан муҷассам аст, – мегӯяд собиқадори меҳнат, доктори илми тиб, профессор Роберт Пинхасов. – Ман барои худ ва фарзандонам аз ин қолинҳо харид мекунам.

Воқеан, тӯли чанд соате, ки мо он ҷо будем, аз нисф зиёди қолинҳо ба фурӯш рафтанд.

Инчунин худи ҳамон рӯз дар ин ҷо дукони ҳунармандии "Гулнор" кушода шуд, ки дар он намудҳои гуногуни маҳсулоти ироқидӯзони Шаҳрисабз барои фурӯш гузошта шудааст.

Сипас иштирокдорон дар тарабхонаи самарқандиён, ки дар шафати ин нуқтаи савдо ҷойгир буда, бо нақшу нигори миллӣ оро дода шудаасту таҷҳизоти он аз Самарқанд мебошад, аз таомҳои лазиз ва нозу неъмат баҳраманд шуданд.

Ногуфта намонад, ки дар дуконҳои савдои ИМА дар қатори харбузаю тарбузи Мирзочӯл, равғани зағир ва пахтаи Ӯзбекистон, нону фатиру саршири Самарқанд, мавизи аълои Қӯшработ, дар ошхонаю чойхонаҳо норини Тошканду палави Фарғона, танӯркабоби Қашқадарё – ҳама нозу неъмати замини зархези диёрамон ва маҳсули дасти пурэъҷози мардуми меҳнатқарини он зиёд ба назар мерасанд.

Тадбиркорони Ӯзбекистон ният доранд, ки дар шаҳрҳои дигари Амрико низ чунин нуқтаҳои савдо бунёд намоянд.

**Умеда ҚАМАРОВА,**
*Нью-Йорк.*

## ХАБАРҲОИ ГУМРУК

### Воридоти ғайриқонунии ҷавоҳирот боздошта шуд

***Тибқи тартиботи ҷорӣ меъёрҳои ҳадди аксари ба қаламрави ҷумҳуриамон бидуни боҷ ворид намудани молҳои ҷудогона мавҷуд мебошад. Аз ҷумла, миқдори маснуоти заргарии аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо иборат, ки аз ҷониби шахсони ҷисмонӣ ворид карда мешаванд, набояд аз 65 грамм зиёд бошад.***

Чанд рӯз қабл дар дидбонгоҳи наздисарҳадии гумрукии «Навоӣ»-и Раёсати гумруки вилояти Навоӣ таваҷҷуҳи кормандони гумрукро норохатии шубҳаноки шаҳрванд Р.М. ба худ ҷалб намуд.

Зимни азназаргузаронии гумрукӣ маълум шуд, ки ин шаҳрванд дар декларатсияи гумрукии мусофирон ҷавоҳироти тиллоро дар шакли як занҷир ва як дастбанд қайд накарда, пинҳонӣ гузарондани шудааст, ки вазни умумиаш 203 грамм, арзишаш 73 миллион сӯмро ташкил намуд.

Айни замон аз рӯи далели қонунвайронкунӣ санҷиши гумрукӣ гузаронида мешавад.

### Аз дохили рамаи вагон — ним кило ҳашиш

**Ба қарибӣ дар дидбонгоҳи гумрукии сарҳадии «Бекобод»-и Раёсати Кумитаи давлатии гумруки вилояти Тошканд дар натиҷаи азназаргузаронии гумрукии вагонҳо қонуншиканӣ ошкор карда шуд.**

Ҳангоми кофтуков дар яке аз вагонҳои қатора, ки аз давлати ҳамсоя омадааст, ошкор гардид, ки дар даруни рамаи вагон 473,1 грамм моводи нашъадори «ҳашиш» пинҳон карда шудааст.

Айни замон аз рӯи далели қонунвайронкунӣ санҷиши гумрукӣ гузаронида мешавад.

### Аз зери карам 248 миллион сӯмина пӯстҳои мушобӣ ёфт шуданд

**Аз замонҳои қадим мардум ба бар намудани либосҳои мӯинаи асилро дӯст медоранд. Одатан, маҳсулоти мӯина аз сабаби ба муддати тӯлонӣ хизмат карданаш харидорӣ карда мешавад.**

Азбаски талабот ба ин маҳсулот хеле баланд аст, далелҳои ҳуқуқвайронкуниҳои марбут ба воридот ва содироти ғайриқонунии маҳсулоти тайёр ва нимтайёри мӯина ба назар мерасанд.

Ба қарибӣ кормандони Раёсати гумруки вилояти Фарғона чунин қонуншиканиро пешгирӣ карданд.

Аз ҷумла, дар дидбонгоҳи сарҳадии «Фарғона» ҳангоми назорати гумрукии мошини тамғаи «Мерседес-Бенс», ки ба давлати ҳамсоя мерафт, қонуншиканӣ ошкор карда шуд.

Дар натиҷаи санҷиш дар бордони мошин зери карам ба миқдори 4 ҳазору 500 дона бо арзиши умумии 247 миллиону 500 ҳазор сӯм пӯстҳои мушобӣ ёфт шуд.

Айни замон аз рӯи далели мазкур санҷиши гумрукӣ гузаронида мешавад.

**Хидмати матбуоти Кумитаи давлатии гумруки Ӯзбекистон.**

Пешниҳод

# ЛУҒАТИ ИМЛО – ОИНАИ ЗАБОН

Забон воситаи табодули андешаву афкори инсонҳост. Дар дунё забонҳои зиёде вуҷуд доранд. Яке аз забонҳои қадимитарин ва пурғановати дунё забони форсӣ-дарӣ-тоҷикист. Забони форсӣ ё форсии тоҷикӣ дар гузаштаҳои дуру наздик дар минтақаи Осиёи Марказӣ хеле густариш ёфтааст. Имрӯз низ ин забон дар мактабҳои таълими ҳамагонӣ ва олии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, мисли Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон таълим дода мешавад. Бояд ёдрас намуд, ки то истиқлолиятро ба даст даровардани ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ мактабҳои таълими ҳамагонӣ ва олии тоҷикии минтақаро бо китобҳои дарсӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамуд.

Баъди истиқлолиятро ба даст даровардан, ҳар як ҷумҳурӣ, аз ҷумла, Ҷумҳурии Ӯзбекистон бори бо китоб ва дастурҳои дарсӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимии аҳолии ғайриӯзбекро ба дӯши худ гирифт. Ҳоло, бино ба маълумотҳои дастрасшуда, дар беш аз 250 мактаби таълими ҳамагонии тоҷикии ҷумҳурӣ ва чанд гурӯҳи тоҷикии донишгоҳҳои Самарқанду Бухоро, Тирмиз ва Фарғона, Донишкадаи омӯзгории вилоятии Чирчиқ таълим ба забони тоҷикӣ сурат мегирад. Ба ҷуз ин, дар ин кишвар рӯзномаи ҷумҳуриявие бо номи «Овози тоҷик» аз соли 1924 ин ҷониб интишор меёбад. Барилова, дар Самарқанд рӯзномаи вилоятие бо номи «Овози Самарқанд», дар вилояти Сурхондарё нашрияи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию адабии «Ховар», дар баъзе ноҳияҳо саҳифаҳои тоҷикӣ рӯйи чопро мебинанд.

Аҳли илму адаби тоҷики мамлакат рӯзгоре орзу мекарданд, ки дар нашриётҳои Ӯзбекистон низ бо забони тоҷикӣ китобҳои бадеию дарсӣ рӯйи чопро бинанд. Ҳоло, маблағ бошад, кифоя, ҳамаи нашриётҳои Ӯзбекистон бо забонҳои мухталиф, аз ҷумла, бо забони тоҷикӣ китоб чоп мекунанд.

Воситаи табодули андешаву афкори инсонӣ – забон сарҳад намешиносад, он метавонад барои ҳама гуна мафкура хидмат кунад. Мисолан, рӯзгоре забонҳои миллии минтақаи мо парчамбардори мафкураи коммунистӣ буданд. Ҳадаф аз ин гуфта ин аст, ки забон ҳарчанд барои мафкураҳои гуногун хидмат мекунад, аммо қонуну қавоиди он бояд дар як коргоҳ офарида шаванд, вагарна гуногуннависию худсарӣ ва баҳс перомуни тарзи дурусти навишти вожаҳо байни соҳибзабонон, ки дар гӯшаҳои гуногуни дунё ба сар мебаранд, авҷ мегирад. Чунин коргоҳи забонӣ барои тоҷикони дунё Тоҷикистон мебошад.

Забон ҳамеша дар таҳаввулот аст, дар баробари ҷомеа рушд мекунад, ба дороияш меафзояд, ба қавле, шевотару зеботар мешавад. Тӯли чанд даҳсолаи охир забони форсии тоҷикӣ низ хеле пеш рафт. Пешравӣ ва таҳаввулоти он бояд дар қоидаи имло инъикос ёбад. Ҳоло дар матбуоти тоҷик гуногуннависии вожавӣ ба чашм мерасад, ки хонанда намедонад кадомашро бипазирад. Дар мактаб ва рӯзномаҳои тоҷикии Ӯзбекистон низ гуногуннависиҳо гоҳо мавриди баҳс қарор мегиранд. Инҷо бисёр мехостем хонанда идрок намояд, ки услуби нигориш аз гуногуннависӣ фарқи куллӣ дорад. Яъне ҳар инсон шеваи нигориши худро дорад. Вале шеваи нигориш набояд ба гуногуннависии вожаҳо роҳ кушояд.

Луғатҳои имлои забони адабӣ бо мурури вақт таҳрир мехӯранд, луғати имлои нав ба вуҷуд меояд.

Боиси хушнудист, ки забоншиносони тоҷик, бо мақсади нашри луғати имлои нави забони адабии тоҷик, онро ба муҳокимаи умум гузоштаанд. Ба сифати як ҳаводори ин забон инҷониб низ чанд пешниҳод доштам:

1. Луғати имлои забони адабӣ ё меъёрии тоҷикӣ мисли ҳамеша поккориро тақозо дорад. Дар «Луғати имлои забони адабии тоҷик»-и Я. И. Калонтаров, «Луғати имло»-и А. Маниёзов ва А. Мирзоев чанде аз вожаҳои ноби тоҷикӣ, мисли «афгор», «афзор», «пойафзор» тибқи талаффузи авом дар шакли «абгор», «абзол», «пойафзол» омадаанд. Дар «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» (Душанбе – 2013), ба ҷуз вожаи «пойафзол», вожаҳои боқимонда дар шакли дуруст ворид шудаанд.

Бисёр шоиру нависандагон ва олимони саршиноси тоҷик бар онанд, ки форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ як забонанд, на се забон. Биноан, ҳангоми интихоб ва ворид намудани вожаҳо ба луғати имлои нав бояд ба луғати имлои ҳамзабонони берунмарзӣ низ рӯйи эътибор гардонд. Мисолан, вожаи «хидмат»-ро, ки бо вожаҳои «махдум» ва «хадамот» ҳамреша аст, мо «хизмат» менависем ва талаффуз мекунем. Вале ҳамзабонони хориҷии мо мисли пешинагон «хидмат» менависанд ва талаффуз мекунанд. Ин вожа дар «Луғати имлои забони адабии тоҷик»-и Я.И.Калонтаров ва «Луғати имло»-и А. Маниёзов ва А. Мирзоев дар шакли «хизмат» омадааст. Мо дар «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ», ки луғати имлои охирин аст, вожаи мазкурро дар ду шакл: «хизмат» ва «хидмат» воҳӯрдем, ки хонандаро ба андеша водор месозад.

2. Дар аҳди шӯравӣ дар забони форсии тоҷикӣ бисёр калимаҳои мураккаб пайдо шуданд, ки яке аз онҳо «кирмакпарварӣ», дигаре «пиллапарварӣ» мебошад. Ба фикри мо, «кирмакпарварӣ» шакли дурусти калима мебошад, зеро кирми пилларо то вақти ба пилла (ғӯза) табдил ёфтан бо барги тут парвариш менамоянд, вале вақте танида ба пилла табдил меёбад, мавсими «пиллакорӣ» оғоз меёбад, на пиллапарварӣ. Дар «Луғати имлои забони адабии тоҷик»-и Я. И. Калонтаров мо ба вожаи «пиллапарварӣ» дучор наомадем. Дар «Луғати имло»-и А. Маниёзов ва А. Мирзоев низ вожаи «пиллапарварӣ» вуҷуд надорад. Вале дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (Душанбе – 2008, ҷилди 2) ва «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» хонанда ба вожаи «пиллапарварӣ» бархӯрд мекунад. Пас, вожаи «пиллапарварӣ» аз куҷо пайдо шуд?

Ба тариқи илова бояд бигӯем, ки дар боби «Имлои ҳамсадоҳо»-и «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ», ки 4 октябри соли 2011 тибқи қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, омада:

«Ҳарфи й (йот) дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

а) дар оғози калимаи иқтибосӣ: йод, йог(а), йот, йӯрға ва ғ;

б) дар байн ва анҷоми калима: кайҳон, майдон, айвон, май, най, ҷой, пой ва ғ;

в) ҳарфи й пеш аз садонокҳои а, о, у, э (е) дар якҷоягӣ бо ин садонокҳо бо як ҳарф навишта мешавад: й+а-я, й+о-ё, й+у-ю, й+э-е: поя, соя, ёр, ёд, дарё, бӯрё, юнонӣ, юғ, ем, елим ва ғ.

ЭЗОҲ. Калимаҳое, ки таърихан дар таркиби худ ҳамсадои «й» доранд, аз ин қоида истисно мебошанд: чой (чойи сиёҳ), ҷой (ҷойи муносиб), лой (лойи нарм), пой (пойи чап); дар калима ва таркибҳои осойиш, чораҷӯйӣ, рӯйи хотир, ба рӯйи, ба сӯйи, ба ҷойи ва ғ.».

Қоидаи мазкурро ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сол қабл тасдиқ карда бошад ҳам, вале дар матбуоти даврӣ ба қисмати «Эзоҳ»-и он, ки аз табиати забони тоҷикӣ берун омадааст, амал карда намешавад. Ҳанӯз мисли пешина «рӯи зебо», «бӯи нон», «лои часпак», «чои кабуд» ва ҳ. менависанд, ки сабаби риоянакунӣ ба қоидаи нави имло мегардад.

Мутахассисони соҳа – забоншиносон хеле хуб медонанд, ки дар чунин корҳо, мисли омода карданилуғати имлои забони адабӣ, шитобкорӣ нашояд. Зеро дар он дороии забони миллат ба маърази намоиш гузошта мешавад.

Ҳадаф аз ин навишта пешгирии гуногуннависӣ дар забоне воҳид ва кӯмак ба луғатнигорон буд. Дигар дар кори басе хайру савоб ба мутахассисони соҳа тавфиқ мехоҳем.

Дар охир хеле мехостем, ки имлои нави забони тоҷикӣ бо теъдоди зиёд нашр шавад. Зеро ба он муассисаҳои таълимӣ, рӯзномаву маҷалла ва нашриётҳои тоҷикии берун аз марзи Тоҷикистон низ ниёз доранд.

Гузашта аз ин, агар дар байни ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон доир ба табодули китобу дастурҳо ва дигар лавозимоти дарсӣ муоҳидаҳо ба имзо мерасиданд, бисёр мушкилиҳои мактабу маорифи ҳар ду ҷониб ҳаллу фасл мегардид.

**А. СУБҲОНОВ,**
**ходими рӯзномаи «Овози тоҷик».**



*Дар мактаби ба санъат ихтисосонидашудаи вилояти Наманган 250 нафар ҷавонони боистеъдод асрори санъат меомӯзанд. Дар ин ҷо онҳо дар самтҳои дизайн, рангтасвири дастгоҳӣ ва маҳобатнок, кулолгарӣ, ҳайкалтарошӣ, кашидадӯзӣ сабақ меомӯзанд.*

*– Дар асоси имтиҳони назарию эҷодӣ хонандагонро ба синфи панҷуми мактабамон қабул менамоем, – мегӯяд ҷонишини директор оиди таълими касбӣ Бекзод Зокиров. – Ҷавононе, ки иқтидори эҷодиашонро сайқал медиҳанд, дар озмун ва намоишҳои нуфузнок фаъолона ширкат меварзанд. Соли 2019 наздик даҳ нафар хонандаамон «Дар намоиши байналхалқии бачаҳо», ки дар Ҷопон баргузор шуд, ҷойҳои 1 ва 2-юмро гирифтанд.*

***Дар сурат:*** *дар мактаби ба санъат ихтисосонидашудаи вилояти Наманган.*

**Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).**

## ХАБАРҲО

### Бузургдошти Зулфия

***Бузургдошти шоира Зулфия, ки нахустрӯзи баҳор ба рӯзи таваллудаш 105 сол пур гашт, сазовор таҷлил гардид.***

Як гурӯҳ адибон ва алоқамандони илму эҷод ба зери лавҳи ёдгории хокҷояш воқеъ дар қабристони Чиғатой гул гузоштанд. Дар Иттиҳоди нависандагон чорабинии адабию маърифатӣ баргузор ва хотираҳо дар бораи ин таронасарои баҳор, ишқ ва зебоӣ баён карда шуданд. Пайравони Зулфияхонум афзуда ва дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт фаъолнокӣ зоҳир намудани онҳо аз бардавомии умри маънавии шоираи зиндаёд дарак медиҳанд. Шеърхониҳо аз ҷониби «духтарони Зулфия» дар мусобиқаи «Мушоира давом мекунад» ба ҳозирон таассуроти хуб гузошт.

### Мақсад – пешгирии беморӣ

***Дар Маркази фарҳанги ноҳияи Бектемири пойтахт бо ташаббуси саридораи таълими томактабии шаҳри Тошканд бо иштироки мутахассисони бемориҳои кӯдакона анҷуман баргузор гардид.***

Истифодаи технологияи замонавӣ дар пешбурди корҳои табобатие, ки ба нутқ ва талаффузи кӯдакони бемор вобастаанд, мавриди гуфтугӯ қарор гирифт. Роҳҳои пешгирии бемории аудизм, зарурияти омӯзиши таҷрибаи байналхалқӣ дар баромадҳои дефектолог ва рӯҳшиносоне, ки аз ҳудудҳои гуногун даъват шуда буданд, баррасӣ гашт.

Дар охири ҳамоиш тақдимот оиди технологияи навтарин дар таълиму тарбияи кӯдакони иллатдор намоиш ёфтанд.

### Ҳамкорӣ бо мутахассисони британиёӣ

***Доир ба масъалаи истифода аз саволномаҳои тест ва баланд бардоштани самаранокии кор марбут ба ҷаҳонбинии назарии омӯзгорон ва донишҷӯёне, ки дар донишгоҳу донишкадаҳои омӯзгорӣ таҳсил доранд, Маркази тести ҷумҳурӣ бо иштироки мутахассисони Британияи Кабир анҷуман ташкил намуд.***

Меҳмонон гуфтанд, дар омодасозии тестҳое, ки воқеан ба амиқ фарогирию омӯзиши забони англисӣ созгоранд, ба кӯмак расондан тайёранд. Шартнома оид ба ин масъала имзо гашт, ки панҷ сол эътибор дорад. Тӯли як сол аз санҷишҳо гузаронида шудани 2500 нафар устодону донишҷӯён пешбинӣ шудааст. Пештар онҳо соле ду маротиба аз ин гуна санҷиш гузаронда шаванд, акнун имконият фароҳам меояд ҳар моҳ тавассути тест донишҳои назарӣ бисанҷанд ва фаъолтар ба такмил додани маълумотҳо ҳаракат созанд.

### Воҳӯрӣ бо вазир

***Воҳӯрии роҳбарони вазорату идораҳо бо ҷавонон, омӯхтан ва бартараф сохтани мушкилоти онҳо ҷоннок мегардад.***

Вазири маданияти ҷумҳурӣ О.Назарбеков бо як гурӯҳ донишҷӯёни соҳа мулоқот орост. Оиди комёбию дастовардҳо не, асосан дар бораи муаммоҳое, ки ба пешравии корҳо халал мерасонанд, бобати вазифаҳои муҳиме, ки дар пеш истодаанд, сухан рафт. Бархе масъалаҳое, ки гузошта шуданд, зимни воҳӯрӣ ҳалли худ ёфтанд. Вазир гуфт, дар масъалаи кор бо ҷавонон ҳанӯз норасоӣ бисёр, онҳо бояд маҷмӯӣ, яъне таҳти ҳамдастӣ бо идораҳои дахлдор ҳаллу фасл ёбанд. Пешгирии коррупсия дар масканҳои таълимие, ки дар тасарруфи вазорати маданият мебошанд, барқарорсозии анъанаи устод-шогирд, ба соҳаи таълим ҷалб намудани санъаткорони номӣ барин масъалаҳо низ мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



*Дар шӯрои шаҳрвандони маҳаллаи «Учтеппа»-и ноҳияи Шароф Рашидови вилояти Ҷиззах ба ивази воми имтиёзноке, ки аз ҷониби «Қишлоқ қурилиш банк» ҷудо шудааст, муассисаи таълими томактабии «Kids-kids» дар асоси шарикии давлативу хусусӣ бунёд гардид, ки дорои 150 ҷой мебошад.*

*Дар муассиса, ки ба забонҳои русӣ, англисӣ ва куриёӣ ихтисосонида шудааст, дар 6 гурӯҳ 100 нафар кӯдакон тарбия мегиранд. Ба гурӯҳҳо тарбиягари дорои маълумоти олӣ ва таҷрибанок, ду нафар ёрдамчӣ вобаста карда шудааст. Хонаҳои бо анҷомҳои варзиш ҷиҳозондашуда, ҳавзи шиноварӣ маҳфилҳои шоҳмоту шашка, ҷанги дастӣ, гӯштӣ, арифметикаи ментал, гимнастикаи духтарон низ ташкил гардидаанд.*

***Дар сурат:*** *дар муассисаи таълими томактабии «Kids-kids».*

***Суратгир: Ҷамшед ЁРБЕКОВ (ӮзА).***

Табодули таҷриба

# САЁҲАТ БА ОЛТИАРИҚ

**Бо ташаббуси депутати Шӯрои ноҳия аз Ҷунбиши соҳибкорон ва корчаллонон – Ҳизби либераливу демократии Ӯзбекистон Одилҷон Муллоҷонов ва раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Пансада»-и ноҳияи Чуст Собитхон Хӯҷаев мо бо як гурӯҳ иборат аз раисон ва фаъолони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои «Бофанда», «Камарсада», «Яккабулоқ» барои таҷрибаомӯзӣ бобати самаранок истифода бурдан аз қитъаҳои наздиҳавлигӣ ба ноҳияи Олтиариқи вилояти Фарғона рафтем.**

Сокинони ин ноҳия аллакай ба баҳор тайёрӣ мебинанд.

Ҷамоати шаҳрвандони «Янгичек» навбунёд буда, ҳавлиҳои истиқоматии шаҳрвандон мувофиқи лоиҳа қад рост кардаанд, роҳҳо фароху ҳамвор буданд. Бошандагони маҳалла бештар бо парвариши ток ва дар гармхонаҳо лимӯ машғул мебошанд. Мо ягон қитъаи наздиҳавлигии бидуни токзор ва гармхонаро надидем.

– Дар маҳаллаи мо ҳеҷ кас бекор нест. Ҳар як сокини он дар куҷо, дар кадом вазифае кор накунад, албатта, аз қитъаи наздиҳавлӣ истифода мебарад ва ҳатман, даромад мегирад, – мегӯяд раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Янгичек» Абдурашид Қосимов.

Мо ҳавлии Зайлобиддин Абдураҳмоновро дидем. Дар 4 сотих гармхона парвариши зиёда аз 2 ҳазор бех гули дарахти нахл ба роҳ монда шудааст. Сипас киштзори саҳроии Авазхон Мадраҳимовро тамошо кардем. Вай бо аъзои оилааш бо парвариши зериплёнкавии карам машғул буд. Дар ноҳияи Олтиариқ аз қитъаҳои наздиҳавлигӣ дар як сол се маротиба ҳосил мерӯёнанд. Карами рӯёнидашуда ба Русия фиристода мешаванд. Ба қитъаҳои аз ҳосил холишуда сари вақт кишти дубора – кӯчатҳои помидор мешинонанд. Баъди пухтани помидор ва ҷамъ овардани он ба замини холӣ турбу лаблабуи қанд, сиру пиёз кошта ҳосили дилхоҳ мегиранд.

Дар ҳавлии Абдуқаҳҳор Қодиров ба меҳмонон парвариши токзор писанд омад. Соҳибхона ба онҳо аз ангури навъи «ҳусайнӣ» қаламчаҳо пешниҳод кард. Аз ангурҳои ҳанӯз дар шохаи токҳо овезони ҳавлии Абдулҳамид Тошматов бошад, ҳама дар ҳайрат монданд. Дар зимистон ҳам чун дар тобистону тирамоҳ тару тоза нигаҳ доштани меваҳо, ба хусус ангурҳои боз як боғбони чашмикордон – Азизбек Алиҷонов ҳамаро мафтун кард.

– Мо хеле шодем, ки аз тамоми ҳудудҳои ҷумҳуриамон меҳмонон ба ноҳияамон барои таҷрибаомӯзӣ меоянд, – гуфт ҳокими ноҳияи Олтиариқ Холмирзо Ниёзов.

**А. МУРОДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ГУЛИ БОДОМ

*Лавҳа*

Аввали баҳори соли 1980. Замин сабзапӯш буду сарсабз. Бӯйи гулу баргҳою муғҷаҳои навшукуфтаи дарахтон ва рустаниҳои гуногун ҳаворо басо тарабангезу ҳаловатбахш менамуданд. Арӯси сол даврон дошт. Аз зебоию таровати табиати дилошӯб қалб ба шӯр омада, касро илҳоми ишқ фаро мегирифт.

Ман ҳам он вақт хеле ҷавон будам.

Ана дар ҳамин хел як рӯзи пурфайзи баҳор аз Кӯлоб азми сафари Душанбе кардам.

Ҷойи нишастам дар миёнҷои қатори тарафи рости автобус буд. Ҳамроҳам, ҷавони ҳаждаҳ-бистсола чашм аз хоб намекушод. Дар курсиҳои пеш аз мо кампиру мӯйсафеди тахминан шасту панҷ-ҳафтодсола нишаста буданд.

Автобус бо як маром пеш мерафт.

Баъди мутолиаи чанд саҳифаи китобе ба ҳамсафарон, махсусан ба кампиру муйсафеди пеш аз мо нишаста зеҳн мондам. Албатта, одам зеботарин офаридаи Худованд аст ва дидори вай бисёр шавқангезу дилчасп. Монанди ҳайвоноту растанӣ ва чизҳои дигари табиат одам пурра аз ин ватану ин табиат нест. Вай олами рӯҳонӣ дорад ва осмонисту пурасрор. Агар аз таҳи дил наззора намоӣ ва аз олами қалбаш заррае огаҳӣ ёбӣ, бешубҳа, ба завқ омада, ба бузургии Одам ва қудрати Холиқи ӯ тан хоҳӣ дод.

Мӯйсафед костуми оддӣ, вале нави ҳанӯз дарзмолнадида дошт. Дастони пурожангу обиладораш гувоҳӣ медоданд, ки ба меҳнати ҷисмонӣ шуғл дорад. Мӯйи сару ришаш тоза тарошида ва дар сар тоқии чустӣ дошт. Мӯйлабаш аз ду тараф каме боло тоб додаву мошу биринҷ буд. Хеле боқувват метофт.

Кампир куртаи гулдори одии чандобшусташуда ва дар сар ҳамранги мӯйҳои сафедаш рӯймоле дошт, ки гирди сараш аз рӯйи русуми куҳнаи занони Кӯлоб печонида буд. Вақти ба автобус дохил шуданаш инчунин мушоҳида кардам, ки андоми бисёр камгӯшту нимҷоне дораду қоматаш хам задааст ва бо такя ба асои аз шохи кадом як дарахти маҳаллӣ сохташуда ҳаракат мекунад. Дар ангуштони дасти рости ӯ ду ангуштарии қадимаи бенигини нуқрагин ба чашм мерасид. Рӯйи гандумгуни кампир пурожанг буд. Вай аз мӯйсафед калонсолтар менамуд.

Мӯйсафеду кампир орому ба якдигар беэътибор буданд, кам сухан мегуфтанд. Дар нигоҳи аввал кас гумон мебурд, ки онҳо ба ҳамдигар бегонаанд. Аммо ман аз суханҳои парокандаашон фаҳмидам, ки зану шавҳаранд ва ба хотири хабаргирӣ аз духтару наберахояшон Душанбе меравaнд.

Кампир аз тирезаи автобус манзараҳои берунро тамошо мекард. Мӯйсафед оромона пеш менигарист ва баъзан пинак мерафт.

Ҳамин тариқ, манзараҳои гуногуну зебои табиатро паси сар карда пеш мерафтем.

Автобус бозистод. Ба ағбаи Чормағзак расида будем. Ин ҷо нисбати роҳи тайкардаамон аз сатҳи баҳр баландтар буд. Дар ин атроф сабза ҳар ҷо-ҳар ҷо нав сар баровардаву замин акнун аз зимистон раҳида ба оғӯши баҳор мегузашт. Мусофирон як-як аз автобус берун омаданд. Ман поён нашудам ва рафтори нотакрореро, ки фақат ба фарзанди одам хос аст, мушоҳида намудам.

Мӯйсафед оҳиста аз ҷояш бархеста, тарафи теппаи рӯ ба рӯямон, ба бодоми яккае, ки дар баландии даҳдувоздаҳ метр аз роҳ рӯидаву пур аз гул буд, нигоҳе кард ва баъди он назари нарме ба ҳамсараш дӯхту оҳиста аз роҳрави миёни нишастгоҳҳо сӯйи дари баромад рафт. Дар назди дар боз чашм ба кампираш давонду аз автобус поён шуд. Дар берун ӯ ба ҳеҷ кас эътиборе надод. Бо оромӣ ба боло, ҷониби он дарахти бисёр зебо қадам партофт. Он ҷо расиду лаҳзае таваққуф намуд ва баъд оҳиста аз ҷайби берунии костумаш кордчаеро бароварду шохчаи пургулеро аз навдаҳои поёнии бодом ҷудо ва онро бо ҳавсала бӯй карду ба поён равон шуд. Кампир кунҷковона ҳар як ҳаракати мӯйсафедро мушоҳида менамуд. Мӯйсафед дар даст шохчаи пургули бодом назди автобус омада, каме истод ва боз сӯйи кампираш нигоҳи пур аз меҳре дӯхта, оҳе кашид. Чашми кампир ҷониби дари даромад, сӯйи шавҳараш буд. Дарк кардан душвор набуд, ки ӯ дар ҳаяҷон аст. Гӯё чун ҷавоби оҳи кашидаи ҳамсараш, кампир ҳам оҳиста нафаси чуқуре баровард. Мӯйсафед дасти чапашро, ки бо он шохчаи бодомро гирифта буд, каме боло бардошта, ҷониби кампир ҳаракат кард. Кампир аз саросемагӣ асояшро фаромӯш карда, зуд аз ҷояш хестанӣ шуд, аммо аз нишастгоҳи пеш даст гирифта, фақат нимхез шуда тавонист ва дасти росташро сӯйи мӯйсафед дароз кард. Мӯйсафед шохчаи пургули бодомро ба кампираш дод. Чашмони онҳо бархӯрданд. Ин лаҳзаро наметавон ифода кард. Қалам дар ифодаи ин ҷилваи оташи ишқ оҷиз аст. Оё муҳаббат бесадост? Чӣ шуд? Гули бодом чӣ асроре дошт? Шояд вай гуле аз лаҳзаҳои ҷавонии онҳо буд ва ишқи ҷавониро дар дилҳояшон ба хурӯш овард. Намедонам.

Ҳама дар ҷойҳои худ нишастанд. Автобус оҳиста ҳаракат кард. Мӯйсафед бо як табассуми базеби зери лаб ва сари баланд роҳи пешро наззора мекард. Кампир баъди ба ҷояш нишастан шохчаи пургули бодомро бо як эҳтиёткориву нозукӣ дуру дароз бӯ кашид ва ба сӯйи мӯйсафедаш назари пурмеҳре афканду шохчаи пургули бодомро ба болои гӯши росташ ҳамоил намуда, оҳи чуқуре баровард. Ман дар рухсораи пурожанги ӯ қатраи ашкро мушоҳида намудам.

Ҳарду хомӯш буданд.

Баъди чанд дақиқаи роҳпаймоӣ дидам, ки кампир сари худро ба китфи мӯйсафедаш монда мехобид.

*Як нигаҳ, як хандаи*
*дуздида, як тобанда ашк,*
*Баҳри изҳори муҳаббат*
*нест паймони дигар.*

Автобус бо як маром пеш медавид. Баҳор салтанат дошт.

**Наҷмиддин РАШИДОВ,**
*шаҳри ТИРМИЗ.*

# ГУЛИ БОҒИ МАЪРИФАТ

*«Зани бо илму маърифат беҳтарин ганҷи мард аст».*
***(Ҳадис)***

24 августи соли 1977. Ин санаест, ки дар ҳаёти мо – 25 нафар ҷавонон бо ҳарфҳои заррин навишта шудааст. Зеро мо дар ҳамин сана бо гирифтани номи донишҷӯйи факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд муваффақ шудем ва аз ҳамон дам роҳи ҳаёти навини мо, зиндагонии рангини донишҷӯиямон оғоз ёфт.

Дар гурӯҳи мо аз вилоятҳои Намангон, Тошканд, Бухоро, Сирдарё, Қашқадарё донишомӯзон ҷамъ омада буданд. Ҳама бо якдигар бо нигоҳи саволомез нигариста, мехостем тезтар бо ҳам аз наздик шинос шавем.

Рӯзҳо гузаштанду шинос шудем ва ҳоло мехоҳам дар бораи як нафари онҳо ҳикоят кунам.

Ин лаҳзаҳое аз ҳаёти давраи пурнишебу фарози ҷавонии ҳамкурси азизам Саида Қаюмова мебошад, ки дар хотираи ман сахт нақш бастааст. Саида Қаюмова бо чеҳраи кушод, табассуми малеҳ, ҳозирҷавобӣ ва ҳақиқатгӯияш аз дигар духтарон фарқ мекард. Солҳо гузаштанд ва ҳар яки мо барои худ дугонаи наздик интихоб кардем, ман барои худ Инобат, Саида ва Сабоҳатро дугонаҳои ҳамрозу ҳамфикр гузидам.

Саида духтари қобилиятнок, ташнаи илм, дар ҳаёти факулта пешқадам ва эҷодкор буд. Одобу тарбияи ҳамидаи ӯ дарак медод, ки дар оилаи бомаърифат ба воя расидааст. Аҷибаш ӯ духтари шаҳрӣ бошад ҳам, либосҳои миллӣ пӯшида, мӯйҳояшро майдабоф мекард. Вақте ки ба хонаи Саида бори аввал барои дарстайёркунӣ рафтам, гумон кардам,ки ба ягон мадрасаи Регистон дохил шудаам. Чунки чунин хонаро фақат дар ҷойҳои таърихӣ дида будам, деворҳои нақшинкор, токчаҳои гуногуншакл, гулҳои рангини ҳавлӣ маро лол карда буданд. Модари Саида чеҳраи хандону чашмони шарорапош дошт. Ин зани банур ҳайрати маро дучандон кард, чунки ӯ олимаи соҳаи хоҷагии қишлоқ, аниқтараш соҳиби ду дипломи маълумоти олӣ – зоотехники Донишкадаи хоҷагии қишлоқи Самарқанд ва муаллимаи факултаи биологияи ДДС буд.

Ҳамон рӯз дарк кардам, ки Саида барои чӣ ин қадар ташнаи илму маърифат, дилбохтаи китобу шеърият аст. Солҳое, ки мо донишҷӯ будем, аксарияти модарон дар хона бо тарбияи фарзандон машғул буданд. Занҳои дорои маълумоти олӣ дар маҳаллаи мо набуданд, ман аввалин духтаре будам, ки дар мактаби олӣ мехонд. Ман ба ин оилаи маърифатпарвар ниҳоят ҳавас кардам. Муомила ва худдории модари Саида, таоми болаззат – шулаи картошкадори пухтаашон як умр дар хотирам боқӣ монд. Иқрор мешавам, ки ман шуларо хуш намекардам ва ҳатто бори аввал истеъмол карда будам, вале баъд аз он ин таомро то ҳол дӯст медорам.

Саида як фазилати хуб дошт, бо ҳама зуд забон меёфт ва ҳамеша, таъкид мекунам, ҳамеша бо табассум сухан мекард, ҳақиқатро мепарастид.

Вақте ки мавсими пахтачинӣ сар шуд, Саидаро боз як бор кашф намудам. Ӯро ошпаз таъин карданд, вай ин вазифаро оддӣ қабул намуд, ҳол он ки баъзеи мо ҳанӯз таомпазиро намедонистем. Саида бошад, барои 70-80 нафар донишҷӯён рӯзе ду маротиба таомҳои болаззат мепухт ва ин вазифаро ба дараҷаи аъло адо мекард. Саида дар семинар ва анҷуманҳои илмӣ, машғулотҳои амалӣ низ фаъол, бо маърӯзаҳои пурмазмун баромадҳо мекард. Саъю кӯшиши ӯро дарк карда, роҳбарии маҳфили адабиёти Шарқро ҳам ба вай супориданд. Дар ин муддат ӯ лаёқат ва истеъдоди худро бештар намудор кард. Солҳо сипарӣ гаштанд ва мо ҳама сӯйи орзую умедҳои ширинамон раҳсипор гаштем ва бояд иқрор шуд, муддате аз ҳаёти якдигар бехабар мондем. Ташвишу талабҳои зиндагӣ, қонунҳои нонавиштаи ҳаёт моро дар мавҷи худ гирифтанд.

Рӯзе дар «оинаи нилгун»-и Самарқанд нақли нотиқро шунидам, ки дар бораи дастхатҳои музейи таърихии вилоят маълумот медод ва занеро муаррифӣ кард. Ҳам аз ҳайрат ва ҳам аз хурсандӣ наздиктари «оинаи нилгун» нишастам ва бовар кардам, ки дугонаи азизам Саида Қаюмоваро мебинам. Суханони сермаъно, табассуми беғубори ҳамешагӣ, либосҳои шарқона, нутқи фасеҳу равони ин зани болаёқату илмдӯст маро лол кард. Ӯ дар бораи осори бебаҳои музей маълумот дода, иброз дошт, ки ҳоло дар осорхона бисёр маводи омӯхтанашуда мавҷуданд.

Тирамоҳи соли 2009. Ман дар утоқи кориам машғули маълумотнависӣ будам, ки ногаҳон бо табассуми базеб Саида даромада омад. Пас аз пурсупос назди ман китоби худро бо номи "Қиблаи умед" гузошт, ки ба модари шодравонаш бахшида буд. Ин китоби ӯро дида аз фараҳ болидам ва боз як ҷиҳати наву ноёби ӯро кашф кардам. Ӯ шоираи ширинкалом ҳам ҳаст.

Моҳи январи соли 2019 ман ва Саида вохӯрӣ ташкил кардем ва аз ӯ хоҳиш намудам, ки намунаҳои эҷодашро ҳам биёрад. Мақолаҳои илмии ӯ дар бораи дастхатҳои нодири фонди музей, дар бораи эҳёи коғази Самарқанд, оид ба аҷдодамон, ки намоянда ва тарғибгари тариқати Нақшбандия дар асри XIX Самарқанд буданд, хеле мароқангез мебошанд.

Намунаҳои эҷодии ин зани дилбохтаи адабиёти Шарқ низ сазовори таҳсин буданд.

Ӯ тавонистааст ба ивази шабзиндадориву ҷустуҷӯҳо ба мақсади олияш расад ва ин ҳадис, бешак, дар ҳаққи ӯ гуфта шудааст. "Зиндагӣ он аст, ки ташнагиро бо қатраҳои зулоли илму маърифат фурӯ нишонад".

Имрӯз ӯ соҳиби оилаи калон — модари 4 фарзанди солеҳ, набераҳои ширин асту дар зиндагӣ мавқеи худро дорад.

Баъзан беихтиёр мафтуни ситораҳои само, шефтаи гулҳои рангину муаттар мешавем, аммо бехабарем, ки дар паҳлӯямон ситорае чароғон асту нури пуртароватӣ ӯ чандин дилҳоро равшан месозад. Ва яке аз ин ситораҳои дурахшон, гули муаттари гулзори илм, бешак, Саида аст.

Бигзор, ин гули доимбаҳори боғи маърифат ҳамеша шукуфон ва офтоби меҳру муҳаббати наздикон парастори ӯ бошад.

**Замира ҒАФУРОВА,**
*ноҳияи САМАРҚАНД.*

Хатмкунандагони соли 1970-уми бахши забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи педагогии ба номи С.Айнии Самарқанд аз марги ҳамкурсашон
**Раҳматҷон ОЧИЛДИЕВ**
сахт андӯҳгин буда, ба пайвандони марҳум ҳамдардии амиқ изҳор мекунанд.

# ГУЛДӮЗИИ ГУЛМИРА ҲАМАРО БА ШАВҚ ОВАРД



– Шумо аз Нурато ҳастед? – пурсид зане баъд аз сӯзании маро дуру дароз муоина кардан. Сонияш, маҳсулоти абрешимиро ба дасташ гирифта бо завқ хеле тамошо намуд.

– Якчанд сол пеш ман ба Нурато, Шаҳрисабз, Самарқанд ва Бухоро рафта будам, – ба гап даромад зане, ки худро Шрути шинос кард. – Аз ҳунармандони нуратогӣ сӯзанӣ ва ҷома харида будам. Ҳар дафъа, вақте ки ба ин чизҳо нигоҳ мекунам, халқи меҳмондӯст ва шаҳрҳои зебои мамлакати шуморо ба ёд меоварам. Меҳмононе, ки назди ман меоянд, низ бо завқ ин чизҳоро тамошо мекунанд. Баъд ман ба онҳо дар бораи Ӯзбекистон нақл мекунам. Имсол мехоҳам боз ба кишвари шумо равам. Агар шумо суроғатонро медодед, ман рафта, бо фаъолияти шумо аз наздик шинос мешудам.

Инро ба мо иштирокчии Фестивали 34-уми байналхалқии санъати амалии халқӣ, ки дар иёлоти Харянаи Ҳиндустон баргузор шуд, ҳунарманд аз Нурато Гулмира Исломова нақл кард.

– Ба ростӣ, ман интизор набудам, ки иштирокчиёни фестивал ба маҳсулоти мо ин қадар таваҷҷӯҳ мекунанд, – давом дод Г. Исломова. – Се рӯз пеш аз анҷоми фестивал, мо ҳама маҳсулоти худро фурӯхтем. На аз таваҷҷӯҳи мизбонон ба маҳсулоти мо, балки бештар суханони нек дар бораи Ӯзбекистон маро хуш омад. Пас аз гуфтугӯи кӯтоҳ бо хонум Шрути, ман фаҳмидам, ки сӯзанӣ чӣ қадар дар бораи кишвари мо, табиати беназири он, ёдгориҳои қадимааш нақл карда метавонад. Шрути маро ба хонааш даъват кард. Сӯзании рӯи мизи мизбонро дида, дар дилам ҳисси ифтихор аз ватанам боз афзуд.

Ҳунари сӯзанидӯзӣ ва гулдӯзиро Гулмира аз модараш омӯхтааст. Вай намояндаи насли панҷуми сулола, ки анъанаи гулдӯзиро идома медиҳад.

Гулдӯзии ҳунарманди ҷавон, ки рангҳои дурахшон ва гуногуни ороиширо ба ҳам сириштааст, ба кас завқ мебахшад.

Тасвири анор ва бодом дар гулдӯзӣ рамзи хушбахтӣ, муҳаббат, ҳамбастагӣ ва оиладӯстӣ мебошад. – Ин ҳунар ба мисли олами беназир. Ба ин кор агар даст занед, баъд аз он дил канда наметавонед. Чӣ қадаре ки кор кунед, ҳамон қадар илҳом мебахшад. Тамоми маҳсулот дастӣ тайёр карда мешавад. Риштаҳо барои гулдӯзӣ бо усули қадима тайёр мешаванд. Суханони модарам, ки таъкид мекарданд: "Агар сӯзании зебо дӯхтан хоҳӣ, танҳо дар бораи некӣ фикр кун, корро бо кайфияти аъло оғоз намо, ба он меҳр гузор ва дар он вақт бо натиҷаи корат ҳамаро ба ҳайрат мегузорӣ ", аз хотирам намеравад.

Узви Ассотсиатсияи "Ҳунарманд" Г. Исломова соли 2017 корхонаи миллии гулдӯзӣ "Нур-сӯзана"-ро таъсис дод. Ҳоло дар ин ҷо зиёда аз 30 намуди маҳсулот дӯхта мешавад. Либосҳои занон, дастархон, болишт, курта, сӯзанӣ мувофиқи фармоиш дӯхта мешавад. Маҳсулот на танҳо дар мамлакати мо, балки дар хориҷа низ талаботи зиёд дорад. Дар корхона зиёда аз 200 шогирд-ҳунарманд кор мекунанд. Илова бар ин, барои онҳое, ки мехоҳанд ҳунар омӯзанд, маҳфил ташкил кардаанд.

Ҳангоми сӯзанидӯзӣ, ҳунарманд аз нақшҳое, ки растаниҳо ва гулҳоро тасвир мекунанд, истифода мебарад, ба омезиши созгори онҳо аҳамият медиҳад. Ҳоло ӯ бо шогирдонаш маҳсулоти гуногун аз сӯзанӣ, болин, дастархон, ҷома, либос ва сумкаи занонаро бо услуби замонавӣ истеҳсол мекунад.

Дар фестивали Ҳиндустон Гулмира Исломова барои расондани маҳсулот ба маблағи 40 ҳазор доллари ИМА шартнома ба имзо расонд.

**Ш. МАМАТУРОПОВА,**
**хабарнигори ӮзА.**
***Дар сурат:*** *ҳунарманд* ***Гулмира Исломова*** *бо духтараш.*
***Суратгир:***
***Темур МАМАДАМИНОВ (ӮзА).***




*АХЛОҚ*

# ХОКСОРӢ ЗИНАТИ ЗАН АСТ

Асқаралӣ (номи қаҳрамон дигар карда шуд) аз бозорҳои гирду атроф ва боғҳои ҳамдеҳагонаш сабзавотро ҷамъ карда, ба Русия бурда мефурӯхт. Ин дафъа кораш омад накард, то ба манзил расидан ва ба фурӯш рафтани бор онҳо пӯсида нобуд шуданд. Асқаралӣ аз ҳамдеҳагон пули бисёре қарз гирифта буд. Баъд аз ин ӯ ба муддати 8 сол бедарак шуд. Зану бачаҳояш бо падару модараш ҳамроҳ зиндагӣ мекарданд. Занаш худро ба ҳар кӯю дар мезад, дар замини хоҷагӣ алаф медаравид, пахта мечид, мол бонӣ мекард.

Рӯзе ӯ ба назди модараш омада гуфт:

– Модарҷон, то кай сабр кунам, домодатон чанд сол боз бедарак, зиндааст ё мурда ҳеҷ кас намедонад. Ҳамдеҳагон дар кӯчаю бозор пеши роҳамро гирифта пулҳояшонро талаб мекунанд. Ба онҳо чӣ ҷавоб доданамро намедонам.

– Духтарам, сабр кун, ягон рӯз пайдо мешудагист. Тую фарзандонатро Худо дар паноҳаш нигоҳ дорад,– дуо мекард модари меҳрубонаш.

Боз солҳо паси сар шуданд. Рӯзе Асқаралӣ ба деҳа баргашт. Бо автомобили хориҷӣ ва пули зиёде баргаштани ӯ зуд ба деҳа овоза гардид. Дертар аз шаҳр ҳавлӣ харид, оилаашро кӯчонда бурд. Аз қарзҳояш каму беш халос шуд. Акнун ҳар шаш моҳ ё як сол куҷое ғайб мезад ва бозгашт медидед, ки дар таги дари ӯ автомобили нав пайдо шудааст. Фарзандонашро ба донишгоҳҳои бонуфузи пойтахт дохил кард. Бо ҳамроҳии занаш ба зиёрати Макка рафта омад. Ҳамдеҳагон мегуфтанд: «Асқаралӣ роҳашро ёфт, кордаш дар рӯйи равған аст, қандашро хӯрад».

Аммо мақсади мо таърифу тавсифи молёбии Асқаралӣ нест. Дар нишасте бо ҳамсари ӯ ҳамроҳ будем. Ҷилави суҳбат дар дасти ӯ буд. Як хона зан – апаю хоҳарон ба ӯ сар то по гӯшу ҳуш буданд. Ӯ гоҳ либосаш, гоҳ тилловориаш, хӯрокҳои хӯрдааш, ҷойҳои рафтаашро таъриф мекард, ки баъзе занони содда бо даҳони боз ба ӯ нигоҳ мекарданд. Ҳангоми намозгузориаш соҳиби хона дар даст дастпоккуну офтоба дар гирди ӯ парвона буд. Вақте барои хондани намоз сӯзании гулдӯзии каме рангпаридаро овард, ҷавонзан гуфт: «Ҷойнамозат кӯҳна шудааст, чаро ҷойнамози наву хушрӯ намехарӣ?» Ё ки ба гилам, кӯрпаю кӯрпача, зарфҳо ва дигар ҷиҳози хона эрод мегирифт. Аз ин пастзаниҳои ӯ соҳибхона хиҷолат шуд.

Рости гап, дар он нишаст дилам бухс кард. Бо баҳонае берун баромадам ва роҳи хонаамро пеш гирифтам. Раҳорах фикр мекардам: «Наход одам то ин дараҷа дигаргун шавад? Наход дар корҳои машаққатноки хоҷагӣ мардикорӣ кардаашро фаромӯш карда бошад?»

Ҷавонзан ба тоату ибодат рӯ овардааст, аммо намедонад, ки дини ислом инсонро ба некӣ, дӯстию инсонпарварӣ, рафоқату ҳалимӣ, хоксорию камтаринӣ роҳнамоӣ мекунад, пур аз панду насиҳат ва ахлоқ аст. Ҷавон ба апаю хоҳарон оиди фазилатҳои хуби модарон, меҳрубон, сода, ғамхор, дар лаҳзаҳои мушкили оила дастгирӣ намудани шавҳар, тарбияи хуби фарзанд бояд суҳбат мекард.

Рӯзе нигоҳам ба саҳифаи ҳамон ҷавонзан дар интернет афтид. Бо либосҳои қиматбаҳо, дар шаҳри бузург, дар гирди дасторхони пурнозу неъмат ба сурат афтидааст.

Дар саҳифаҳои иҷтимоӣ монанди ин ҷавонзан сабуксароне вомехӯранд. Онҳо тӯйҳои дабдабанок, дасторхони пурнозу неъмат, ҳавлиҳои боҳашами худро ба мардум намоиш медиҳанд. Ҳол он ки дар гӯшаву канори дунё кӯдакони гушнаю бараҳна, ба як бурда нон зор, бесарпаноҳ, бемор, маъюб хеле бисёр. Ё ҳамдеҳааш ба бемории вазнин гирифтор асту маблағ надорад, ки худро табобат кунад...

Дуруст навиштааст Фаридуни Фарҳодзод дар мақолааш («Макони ғайбат, ғурбат, ғафлат ва ғорат», «Овози тоҷик», 4.01.2020, №2), ки интернетро макони ғурбат, ғайбат, ғорат, ғафлат номидааст. Кибру ҳавобаландии Асқаралӣ ва ҳамсари ӯ барин инсонҳо, ки шефтаи боигарӣ шудаанд, боиси баҳсу ҷанҷол ва ҳатто пароканда шудани оилаҳо гаштааст.

Ҳамсоязан ба сари ҳамсараш, ки коргари оддӣ буд, дод зада мегӯяд: «Марди ҳақиқӣ Асқаралӣ аст, тамоми шароити зиндагиашро муҳайё кардааст, занашро дар кафи даст мебардорад. Пешонаам шӯр будааст, ба ту барин шавҳари ношуд ҳамхона шудам». Баъзе кадбонуҳои кӯтоҳандеш мехоҳанд шавҳарашон касби дасташро партофта ба хориҷ равад. Онҳо намедонанд, ки дар шаҳри бегона онҳо чӣ гуна азобу ранҷ кашида, музди ночизе ба даст меоранд.

Оилаеро медонам. «Нимта нон – роҳати ҷон» гуфта миёнаҳол зиндагӣ мекард. Марди хона бо сохтани иморати мардум машғул буд. Рӯзе занаш маслиҳат дод, ки бачаҳо ба воя расидаанд, онҳоро хонадор кардан лозим. Ба умеди музди ночизи ӯ тӯй кардан наметавонанд. Бо фалон ҳамсоя ба хориҷ ба кор равад, шояд зиндагиашон рӯ ба беҳбудӣ нигарад. Марди хона роҳи сафарро пеш гирифт. 6-7 моҳ кор карду ба беморие гирифтор шуд ва ба деҳааш баргашт. Бо пуле, ки кор карда буд, аз назорати духтур гузашт ва доруву дармон харид. Аммо ҳамаи ин беҳуда рафт, шушашро сахт шамол хӯрондааст. Дере нагузашта мардак аз олам чашм пӯшид. Ба сари оила мусибат афтид ва аз нимта нон ҳам бенасиб монданд...

Рӯзгоре момоёни мо бо сабру таҳаммул, бо садоқатмандӣ шавҳарону писарони худро аз ҷанггоҳҳо интизор шудаанд. То омадани онҳо саробонии оиларо мардонавор ба дӯши нозуки худ гирифтаанд.

Офаридгор ҳар як инсонро бо насибааш офаридааст, ба яке зиёд, ба дигаре кам. Инсон ба камаш ҳам, ба зиёдаш ҳам бояд шукр кунад. Шукри осудагии кишвар, рӯзгор ва муҳити ором, шукри сиҳатии фарзандон бояд кард.

**Фариштаи САОДАТ.**

*НУҚТАИ НАЗАР*

***Борҳо аз куҳансолон шунидаем, ки ҳар кас бояд ҳафт пушти худро донад. Ва вақте ки ба шумориданӣ онҳо мепардозем, аз падар, бобо ва номи бобои калон он тарафашро намедонем.***

# ДОНИСТАНИ ҲАФТ ПУШТ БАРОИ ЧӢ ЛОЗИМ?

Ҳар гоҳе ки ба зодгоҳам меравам, апаву бародару додар дар хонаи падарамон ҷамъ мешавем. Дидорбинӣ бо холаю амма, тағою амак, ки бо гузашти солҳо барои ман боз азизтару ғаниматтар мегарданд, сабаби хушнудиву хушҳолиям мешавад.

Дар яке аз чунин ҷамъомадҳо дар бораи арӯси яке аз хешовандонамон, ки барои беҳтар кардани сиҳатии ду писари ногироаш даву този зиёд карда, дар натиҷа саломатии худаш низ бад шудааст, сухан рафт.

Ман он арӯсро аз наздик мешиносам, солҳои мактабхонӣ дар мусобиқаҳои варзишие, ки дар миқёси ноҳияву вилоят баргузор мешуд, фаъол иштирок карда, ҷоизадор мегашт. Ҳоло ӯ модари ду писари қадрас, аммо маҷрӯҳ...

Вақте ки оиди ин бачаҳои ногиро шунидам, солҳои бачагӣ ба ёдам омад. Солҳои 80-уми асри гузашта буд. Дар тамоми деҳае, ки яке аз деҳаи калони ноҳияамон ба шумор мерафт, ду ё се нафар ногироҳо буданд. Бо гузашти вақт аҳолии деҳа зиёд шуд ва он мақоми шаҳракро гирифт, баробари ҳамин шумори ногироҳо низ зиёд гардид.

Сабаби бештар шудани ногироён шояд аз никоҳи хешутаборӣ бошад. Албатта, ман мутахассиси соҳа нестам. Аммо мутолиа оиди саломатӣ ва асарҳо доир ба дини мубинамон маро ба чунин хулоса овард. Таассуфовар аст, ки баъзан солхӯрдагон ба чунин никоҳ роҳ медиҳанд, яъне бо ҳамин гӯё риштаҳои хешутаборӣро мустаҳкам месозанд.

Дар аввали мақола бесабаб гуфтаи куҳансолон оиди донистани аҷдод – шаҷараро наовардем. Ин аз ду сабаб зарур аст: аввал роҳ надодан ба никоҳи хешутаборӣ ва дуюм, нигоҳ доштани силаи раҳм мебошад.

Ба шаҷара фарзанд, набера, абера, чабера ва ғайра дохил мешавад. Пайғамбарамон Муҳаммад (а) никоҳи насли ҳафтумро, ки бегона шуморида мешавад, тарафдорӣ кардаанд. Таъкиди он чиз боз лозим аст, ки ширхораҳо ҳам дар ҳукми хешу таборанд. Ширхорӣ аз кадом фарзанд оғоз ёфта бошад, фарзандони баъди ӯ бадунёомада бародару додар, апаву хоҳар шуморида мешаванд. Ҳукми мазкур ба бачаҳое, ки ҳамчун фарзанд қабул шудаанд, (агар ӯ фарзанди хешовандон набошад), тааллуқ надорад.

Фанни генетика – ирсиятшиносӣ низ ба никоҳи хешовандон, аз сабаби як хел будани аломатҳои наслии падару модар, ки боиси носолим ба дунё омадани кӯдак мегардад, рухсат намедиҳад. Дар Мусҳафи мубин оиди ин «кашфиёт» ҳанӯз дар асри VI ишора рафтааст (сураи Нисо, оятҳои 23-24).

Агар тавзеҳи истилоҳи «силаи раҳм»-ро хуб медонистем, ҳоҷат ба чунин никоҳҳо намемонд.

«Силаи раҳм» – ҳамеша барқарор нигоҳ доштани муносибатҳои хешутаборӣ, дар рӯзи неку бад бохабар будан аз аҳволи хешовандон, ҳамеша такягоҳи ҳамдигар будан мебошад. Чи хеле ки дар ҳадисҳо ишора меравад, ба касе, ки силаи раҳмро устувор нигоҳ медорад, ҷаннат ваъда карда шудааст.

Аз таҷрибаи ҳаёт бармеояд, ё тавре ки равоншиносон таъкид кардаанд, фарзанде, ки дар оғӯши падару модар, дар муҳити солими хешовандӣ ба воя мерасад, ҳамчун шахси дилсӯзу меҳрубон камол меёбад.

Хулоса ҳамин, ки ба нишондодҳои диниву илми имрӯза доир ба насли солим бефарқ набошем. То ки аз мо баробари номи нек фарзандони солиму боақл боқӣ монад.

**Набия НОДИРОВА,**
**«Овози тоҷик».**



*Дар театри калони давлатии академии Ӯзбекистон ба номи Алишер Навоии пойтахт бахшида ба тақдимоти тантананоки Мукофоти миллии «Ӯзбегим аёли – 2020» чорабинӣ баргузор шуд.*

*Чорабинӣ ба муносибати Рӯзи байналхалқии бонувон бо ташаббуси шабакаи телевизионии «Миллий» ташкил гардид.*

*Дар чорабинӣ бонувоне, ки дар вазорат, идора, созмонҳои эҷодиву ҷамоатӣ фаъолият доранд, кадбону, намояндагони соҳаҳои гуногун ва ҷавонон ширкат варзиданд.*

*Барои мукофоти миллӣ ҳуҷҷатҳои бисёр заноне, ки дар ҳудудҳои гуногуни кишвар зиндагӣ доранд, тақдим карда шуд. 11 нафари онҳо бинобар номгӯҳои гуногун ба мукофотҳо муносиб дониста шуданд.*

***Суратгир: О. МИРСОАТОВ (ӮзА).***

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-335. Адади нашр 1076, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Х. Ҳамидов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.10

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.